СУРАТҶАЛАСАИ №159

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

аз 23 октябри соли 2026

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 16 нафар тасдиқ шудааст.

Иштирок доштанд 16 нафар: Раиси шуро - Иматзода Л.М., муовини раис - Раҳимзода Х., котиби илмӣ - Котибова Ш.П., аъзоён: Негматов С.Э., Гулмадов Ф., Латифзода Д.Н., Юнусова Н.М., Каримзода М.Б., Иззатова М.И., Махкамов Д., Туронов С.Ш., Лутфуллоева П.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С., Ҳакимова Ҷ.С., Ҷонмаҳмадова Г.Ш.

РӮЗНОМА

Ба баррасии мукаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), (роҳбари илмӣ, Негматов Садуллоҷон Эргашевич - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ва таъин намудани комиссияи экспертӣ

ШУНИДА ШУД:

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Котибова Ш.П. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои

русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 августи соли 2026, №591) мувофиқат мекунанд ва унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқарарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

Диссертатсияи Азизӣ Муллобобо Ҷомеъиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), (роҳбари илмӣ, Негматов Садуллоҷон Эргашевич - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Каримзода М.Б. - доктори илмҳои педагогӣ, раиси комиссия;
- Котибова Ш.П. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои комиссия.
- Туронов С.Ш. - номзади илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: тарафдор - 16 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Иматзода Л.М.**

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, и.и.п. дотсент **Котибова Ш.П.**

Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.- ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.